**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин дар мавзуи «Расул Ҳодизода – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) пешниҳод шудааст.**

Дар саргаҳи шинохт, таҳқиқ ва баррасии масъалаҳои муҳимми таърихи адабиёти тоҷик олимону донишмандоне ҳузур доранд, ки Расул Ҳодизода, бешубҳа яке аз пешсафони он ба шумор меравад. Ӯ ҳамчун муҳаққиқи таърихи адабиёт ва нависанда дар осори илмӣ ва адабии хеш паҳлуҳои норавшани адабиёти тоҷикро мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор додааст. Саҳми Расул Ҳодизода дар рушду такомули адабиётшиносӣ, афкори адабӣ ва насри муосири мо шоистаи тақдир аст. Осори барҷоймондаи илмӣ ва адабии ин олим ва нависанда далели ин гуфтаҳост. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки интихоби мавзуи мавриди назар аз ҷониби диссертант огоҳона ва ҳадафмандона сурат гирифтааст.

Диссертант дар қисмати дараҷаи омӯзиши мавзуъ таъкид менамояд, ки ҳанӯз дар адабиётшиносии тоҷик фаъолияти илмию адабии Расул Ҳодизода мавриди таҳқиқ ва арзёбии монографӣ қарор нагирифтааст. Гузориши масъалаҳо, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, асоси методологӣ ва назариявии таҳқиқот, навии илмии таҳқиқот, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқот, сарчашмаҳо ва маводди таҳқиқот ва масоили асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда низ аз ҷониби муҳаққиқ ба мақсад мувофиқ сурат гирифтаанд.

Муҳаққиқ барои иҷрои вазифаҳои дар пеши худ гузошта ва расидан ба ҳадафҳои мушаххаси илмӣ диссетатсияи худро аз се бобу шаш фасл иборат донистааст.

Дар боби аввали диссертатсия **аҳвол ва осори Расул Ҳодизода** мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертант ин бобро аз ду фасл: **«Зиндагиномаи Расул Ҳодизода»** ва **«Осори илмӣ ва бадеӣ-таърихии Расул Ҳодизода»** иборат дониста, шарҳи ҳол ва фаъолияти эҷодии олим ва нависандаро арзёбӣ карадааст. Дар ин боб диссертант роҳи илмӣ ва адабии ӯро аз оғоз то ба расидан ба ҷойгоҳи яке аз намоёнтарин адабиётшиносони тоҷик ва адибони барҷаста пайгирӣ менамояд, ки аз нигоҳи натиҷагириҳои илмӣ судманд мебошад.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки **«Таҳқиқи мушкилоти таърихи адабиёт ва рӯзгору осори адибон»** ном дорад, диссертант дар фасли аввали боби мазкур назари муҳаққикро ба масъалаҳои муҳимми таърихи адабиёти гузашта ва муосири тоҷик муайян намуда, дар фасли дуюм

хусусиятҳои мундариҷавӣ ва бадеии осори гузаштагонро дар пажуҳишҳои муҳаққиқ таҳқиқ ва арзёбӣ менамояд. Аз хулосаи таҳлилу баррасии масъалаҳои дар ин боб матраҳнамудаи диссертант пайдост, ки муҳаққиқи мавриди назар дар осори илмии худ масъалаҳои муҳимтарини таърихи адабиёти гузашта ва муосирро ҳақиқатнигорона ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Маълум мегардад, ки Расул Ҳодизода дар ин замина корҳои илмии зиёдеро роҷеъ ба хусусиятҳои осори намояндагони марҳилаҳои алоҳидаи таърихи адабиёт ба анҷом расонида, масъалаҳоеро ба монанди ғоя ва сохтори бадеӣ, мавзуъ, корбурди огоҳонаи забон, воситаҳои тавсири бадеӣ, хусусиятҳои сабкӣ ва ҷанбаи ҳунарии каломи манзум ва мансур ҳаллу фасл намудааст.

Боби сеюми диссертатсия **«Нақши Расул Ҳодизода дар ташаккул ва таҳаввули насри таърихии тоҷикӣ»** унвон гирифта, ин боб низ аз ду фасл иборат мебошад. Дар фасли нухусти ин боб **«Тасвири образи шахсиятҳои таърихӣ дар ҳикоя, қисса ва романҳои нависанда»** мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Диссертант дар фасли мавриди назар шахсиятҳои таърихиеро ба монанди Рӯдакӣ, Фаррухӣ, Кароматуллоҳи Дилкаш, Шамсиддини Шоҳин ва Аҳмади Дониш ва ғайра, ки дар осори алоҳидаи бадеии нависанда тасвир ёфтаанд, баррасӣ намуда, ба ин натиҷа мерасад, ки Расул Ҳодизода дар офаридани симоҳои таърихӣ маҳорат ва диққати тамом дорад.

Дар фасли дуюми боби сеюм, ки **«Хусусиятҳои сабки нигориши нависанда»** ном дорад, диссертант то ҷое назари донишмандонро роҷеъ ба чӣ будани сабк ба миён гузошта, дорои сабки хосси нависандагӣ будани адиб ва аз забон ҳамчун унсури муҳимми сабксоз кор гирифтани ӯро таъин ва таъид менамояд.

Диссертант дар хулосаи автореферат натиҷагириҳои илмии худро мураттабан, аз фаслу бобҳои диссертатсия баён менамояд, ки мутобиқ ба талаботи меъёрҳои таълифи корҳои илмӣ аст. Аз матни автореферати диссертатсия бармеояд, ки диссертатсия дар сатҳи хуби илмӣ таълиф гардида, муаллифи он дар адабиётшиносии даврони Истиқлол пажуҳиши тозаеро рӯйи кор овардааст.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ, дар автореферати диссертатсия баъзе нуқсонҳои ҷузъӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо ҳусни таълифро афзун менамояд:

1. Дар фасли дуюми боби аввал осори илмии Расул Ҳодизода якҷоя бо асарҳои бадеӣ – таърихии ӯ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Диссертант ин масъалаҳоро дар ду фасли алоҳида арзёбӣ менамуд, ба мақсад мувофиқ мебуд.

2. Дар саҳифаҳои 16 ва 18 калимаи «хоси» бо як ҳарфи «с» навишта шудааст. Дар саҳифаи 29, дар банди чаҳоруми хулосаи автореферат қисмати аввали ҷумла: «Таҳқиқи адабиёти нимаи дувуми асри нуздаҳи садаи бист» дорои ғалат мебошад. Яъне, вожаи «нуздаҳ» бо бандаки изофӣ набуда, бояд бо пайвандаки пайвасткунандаи «у» навишта шавад. Дар саҳифаи 30 вожаи «мудовим» дар шакли нодурусти « мудавом» истифода шудааст.

Нуқсонҳои зикргардида ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии автореферати диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Автореферати диссертатсияи Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин дар мавзуи «Расул Ҳодизода – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик», таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ, ҳамчунин, муқаррароти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Муаллиф ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:** номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи назария ва таърихи
адабиёти ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода Боев Шавкат Элмуродович

31.07.2026

**Нишонӣ:** 734019 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев,
бинои 3-А, хонаи 46.Тел: (+992) 935445450
E-mail: mustafo0612@mail.ru

Имзои Боев Ш.Э.-ро тасдиқ мекунам:
и.в.сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода Сиҷоатова Мунира Ғайратовна

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Нишонии муассиса:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Ф. Муҳаммадиев, 17/6.
Телефон: +992-37) 2325029; 2325000; факс: +992372325003.
E-mail: rectorat/dbzkht.tj@mail.ru

31.07.2026